## №300/4.1.2-д аз 07.001.2025

Мақомоти ҳудудии андоз ва
андозсупорандагон

“Оид ба хироҷи сайёҳӣ”

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқарраротии боби 16(9) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет”, (минбаъд-Қонун) ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, № 546 "Дар бораи тасдиқ намудани меъёрҳои хироҷҳо барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ва пардохтҳо барои додани иҷозат оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ё дигар захираҳои мавҷуда", мактуби дастурии мазкурро барои корбарӣ ва таъмини иҷро ирсол менамояд.

Мутобиқ ба талаботи сархати 11 қисми 2 моддаи 4 Қонун хироҷи сайёҳӣ ҳамчун пардохти ҳатмӣ ба буҷет дохил карда шудааст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.11.2007, №546 меъёрҳои хироҷи сайёҳӣ бо андозаҳои зерин муқаррар шудаанд:

1) барои хизматрасонии (фурӯши) бастаҳои сайёҳӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба хориҷи кишвар бо мақсадҳои сайёҳӣ сафар менамоянд (барои ҳар як шабонарӯз) бо андозаи 10 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (минбаъд НБҲ).

2) барои хизматрасонии (фурӯши) бастаҳои сайёҳӣ барои сайёҳони хориҷӣ ҷиҳати анҷоми сайёҳати дохилӣ (барои ҳар як шабонарӯз):

а) барои меҳмонхонаҳо, апартмент, осоишгоҳ, истироҳатгоҳҳо, спа-меҳмонхонаҳо, бӯстонсаро ва пойгоҳи сайёҳӣ ба андозаи 20 фоизи НБҲ

б) барои хонаист ва хостел 15 фоизи НБҲ.

Супорандагони хироҷ шахсони воқеие мебошанд, ки ба онҳо хизмати сайёҳӣ расонида мешавад, хироҷи мазкур аз ҷониби шахсоне, ки хизматрасониҳои сайёҳиро анҷом медиҳанд, ситонида шуда, маблағи пардохтшудаи хироҷ баргардонда намешавад. Хироҷ на дертар аз рӯзи ҳисоббаробаркунӣ байни мизоҷ (сайёҳ) ва хизматрасон (ширкатҳои сайёҳӣ, субъектҳои хизматрасон дар соҳаи сайёҳӣ), бо асъори миллӣ

ситонида мешавад.

Давраи пардохти хироҷи сайёҳӣ моҳи тақвимӣ буда, он ҳар моҳ на дертар аз санаи 15-уми моҳи минбаъдаи ҳисоботӣ ба буҷети дахлдор пардохт карда шуда, дар ин давра аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба хизматрасонии сайёҳӣ машғулбуда, оид ба маблағҳои хироҷҳои ситонидашуда ба мақомоти андоз ҳисобот пешниҳод карда мешавад.

Тибқи моддаи 63(25) Қонун аз пардохти хироҷ иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни рафъи оқибатҳои фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон маъюбони гурӯҳҳои I ва II, шахсони ноболиғи то шонздаҳсола, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сафарҳои сайёҳии дохилӣ, кормандони намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии кишварҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия гардидаанд, озод мебошанд.

Пардохти маблағи хироҷ мувофиқи талаботи “Дастурамал дар бораи тартиби сабти рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои (кодҳои) гурӯҳбандии даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ дар супоришномаҳои пардохӣ, ҳангоми гузаронидани маблағҳо ба буҷети давлатӣ тавассути Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои хироҷи сайёҳӣ бо рамзи (код) “1020223” амалӣ карда мешавад.

Мисоли 1: ҶДММ “А” ба фаъолияти сайёҳӣ машғул буда, ба 10 нафар сайёҳони хориҷӣ ҷиҳати анҷоми сайёҳати дохилӣ ба муҳлати будубоши ҳар яке аз онҳо 7 шабонарӯз бастаи сайёҳӣ мефурушад. Тибқи талаботи қонунгузории зикршуда ҶДММ “А” ӯҳдадор аст, ки аз ҳар як сайёҳи хориҷӣ барои ҳар як шабонарӯз ба маблағи 15 сомонӣ (1шабонарӯз*(75(НБҲ)*20%)) ва барои 7 шабонарӯз ба маблағи 105 сомонӣ ва дар ҷамъ барои 10 нафар сайёҳ ба маблағи умумии 1 050 сомонӣ хироҷ ситонад.

Мисоли 2: ҶДММ “Б” ба фаъолияти хизматрасонҳои меҳмонхонавӣ машғул мебошад. Дар моҳи январи соли 2025, 100 нафар сайёҳи хориҷӣ ҳар кадом 10 шабонарӯз бе хариди баста (турпакет)аз ширкатҳои сайёҳӣ дар меҳмонхонаи мазкур ҷойгир мешаванд. Хироҷи сайёҳӣ барои як сайёҳ ба маблағи 150 сомонӣ (10 шабонарӯз*(75*20%))ва барои 100 нафар сайёҳ ба маблағи 15 000 сомонӣ ситонида мешавад.

Мисоли 3: ҶДММ “Тур” ба фаъолияти сайёҳӣ машғул буда, дар моҳи феврали соли 2025 ба 50 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сафар ба хориҷи кишвар ба мӯҳлати 15 шабонарӯз бастаи сайёҳӣ мефурӯшад. Хироҷи сайёҳӣ барои як сайёҳ ба маблағи 112.5 сомонӣ (15 шабонарӯз*(75*10%)) ва барои 50 нафар сайёҳ ба маблағӣ 5 625 сомонӣ ситонида мешавад.

Маблағҳои умумии хироҷи ситонидашуда ба буҷети дахлдор бо рамзи (1020223) пардохт шуда, дар ин бобат на дертар аз санаи 15-уми моҳи минбаъдаи ҳисоботӣ ба мақомоти андоз аз руи ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохт дар шакли электронӣ ҳисобот пешниҳод

мешавад.

Бо мақсади пешгирии ситонидани дукаратаи хироҷ аз сайёҳони хориҷӣ, ки сайёҳатро дар доираи бастаҳои сайёҳӣ анҷом медиҳанд, ширкатҳои сайёҳиро зарур аст, ки ба субъетҳои хизматрасонии сайёҳӣ ҳуҷҷати тасдиққкунанда оиди хироҷи ситонидашуда пешниҳод намоянд. Дар ин ҳолат субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ аз ҷумла меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳҳо аз хизматҳои расонидашудаашон, хироҷ намеситонанд.

Бинобар ин, Кумитаи андоз бо мақсади таъмини иҷрои қонунгузории зикршуда ва ба буҷет ворид шудани маблағҳои хироҷҳои сайёҳӣ, мутобиқ ба талаботи моддаҳои 100 ва 167 Кодекси андоз аз Шумо талаб менамояд:

1. Шуруъ аз моҳи январи соли 2025 ширкатҳои сайёҳӣ ва субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ иҷрои муқаррароти дар мактуби дастурии мазкур қайдшударо таъмин намоянд.

2. Ҳар моҳ на дертар аз санаи 15-уми моҳи минбаъдаи ҳисоботӣ дар шакли электронӣ ҳисобот оид ба пардохти хироҷи сайёҳӣ ба мақомоти андоз ирсол намоянд.

3. Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки дар асоси муқаррароти моддаи 168 Кодекси андоз оид ба амалисозии мактуби дастурии номбурда корҳои тавзеҳотӣ ва фаҳмондадиҳиро анҷом дода, ҷиҳати аз ҷониби андозсупорандагони тобеи худ риояи гардидани он чораҳои зарурӣ андешида, нусхаи протоколҳоро тибқи тартиби муқарраргардида ба махзани маълумоти Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Раис Н. Давлатзода